**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002**

**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗИ

муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло дар мавзӯи «Афкори сиёсию ҳуқуқии Абӯалӣ Муҳаммад Ибни Мискавайҳ», ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2021. – 194 с.)

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳури Тоҷикистон тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ-сиёсӣ, иҷтимоию фарҳангӣ рушд ёфта, аз ҷониби муҳаққиқону донишмандон бахри такмили ин соҳаҳо таҳқиқоти бузурги илмӣ анҷом дода шуда истодааст. Истиқлолияти давлатӣ имконият фароҳам овард, ки муҳаққиқон дар рушди соҳаҳои ҳуқуқ низ корҳои назаррасро амалӣ намоянд. Ба хусус дар ин давра диққати олимону муҳаққиқон нисбат ба рушди соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ, ниҳодҳои гуногуни ҳуқуқӣ, таърихи давлатдории тоҷикон, инчунин мактабу низомҳои ҳуқуқӣ ва таълимоти мутафаккирони тоҷику форс доир ба давлат ва ҳуқуқ равона карда шудааст, ки дар натиҷа таҳқиқоти фаровон доир ба таълимоти ҳуқуқии давраи зардуштӣ, исломӣ ва замони шӯравӣ ба анҷом расонида шудааст.

Дар сарзамини таърихии тоҷикон пас аз паҳншавии ислом мактабу ҷараёнҳои гуногуни ҳуқуқӣ ба вуҷуд омаданд. Ислом на танҳо ҳамчун идеологияи динӣ, балки он ҳамчун мактаби фалсафиву ҳуқуқӣ мероси гаронбаҳоеро барои башарият боқӣ гузоштааст. Ба хусус мактабҳои ҳуқуқии он таълимоти гуногунҷабҳаро фаро гирифта, ба муддати тӯлонӣ дар ин минтақа муносибатҳои ҷамъиятӣ маҳз тавассути меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ ба танзим дароварда мешуданд. Бояд тазаккур дод, ки дар ташаккул ва рушди мактабҳои ҳуқуқии исломӣ нақши фарзандони миллати тоҷик низ назаррас аст. Дар баробари ин мутафаккирони тоҷику форс доир ба назарияи давлат ва ҳуқуқ, раванди давлатдорӣ, амали

ниҳодҳои давлат ва нақши категорияҳои ахлоқӣ дар пешбури фаъолияти роҳбари давлат андешаҳои қобили таваҷҷуҳ пешниҳод намуданд.

То имрӯз дар доираи илмии хориҷӣ доир ба таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсии мутафаккирон таҳқиқоти зиёд анҷом дода шудааст. Аммо дар доираи илмии дохилӣ аз ҷониби донишмандон ва муҳаққиқони ватанӣ омӯзиши таълимоти мутафккирони тоҷику форс ба таври васеъ ба роҳ монда нашудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуъи "Афкори сиёсию ҳуқуқии Абӯалӣ Муҳаммад ибни Мискавайҳ" масъалаи мубрами илмӣ буда, аввалин таҳқиқот дар назария ҳуқуқ ва давлат ва таърихи таълимоти ҳуқуқию сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Аз нигоҳи илмӣ - назариявӣ диссертатсияи мазкур аҳаммияти калон дошта, дар он андешаҳои сиёсию ҳуқуқии мутаафккири барҷастаи асри X-XI Абӯалӣ Муҳаммад ибни Мискавайҳ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки ин кори илмӣ метавонад ба нофаҳмиҳову ғалатфикрӣ дар ҷомеа хотима гузошта, барои ба вуҷуд овардани вахдату муттаҳидӣ дар миёни аҳли ҷомеа ва татбиқи адолат дар раванди давлатдорӣ мусоидат намояд. Дар шароити имрӯза, масъалаҳои гуногун аз қабили терроризму ифротгароӣ, ҷудоиандозӣ ва бадбиниву хусумат дар ҷомеа хатари бузург ба амният ва ҳифзи истиқлолияти давлатӣ маҳсуб мёбанд. Дар рисола нуктаи назари мутафаккир ба масъалаҳои таносуби дину давлат таҳқиқ карда шудааст, ки дар ҳалли масъалаҳои зикр гардида ҳамчун маҳаки асосӣ хизмат менамояд. Ҷанбаҳо ва хусусиятҳои дигари мубрамияти таҳқиқотро унвонҷӯ Қодирзода С. М. дар диссертатсия мавриди баррасӣ қарор додааст, ки амалан муҳим маҳсуб мёбанд.

**Дараҷаи навоварии таҳқиқоти диссертатсионӣ:** Зимни таҳқиқоти диссертатсионӣ 12 навгонии илмӣ пешниҳод шудааст, ки бештари онҳо нахустин маротиба дар шакли навгонӣ пешкаш мегарданд: Аз ин рӯ, чунин навгониҳо қобили дастгирӣ мебошанд:

1. Навгонии аввал таҳлили мазмуну муҳтаво, мафҳумҳо ва ҷанбаҳои ҳуқуқии осори мутафаккирро оид ба такмили ахлоқ ва фарҳанги ҳуқуқии аҳли ҷомеа, пешгирӣ аз каҷрафториву қонуншиканиҳо ва ҳар гуна зуҳуроти манфӣ ва

номатлуби иҷтимоӣ мавриди таҳқиқи таърихӣ-ҳуқуқӣ қарор дода аст, ки аз нигоҳи мо хусусияти асосноккунии илмиро доро мебошад.

2. Муаллиф дар банди дуюми навгониҳо бори нахуст андешаҳои Мискавайҳро дар бораи ҳуқуқ ва моҳияту вазифаҳои он таҳлил ва баррасӣ намудааст.

3. Дар банди сеюм муаллиф кӯшидааст, ки густариши андешаҳои мутафаккирро доир ба пайдоиши ҷомеа ва ҳокимият ба таври муфассал нишон диҳад.

4. Дар банди чаҳоруми навгонӣ таълимоти мутафаккир дар бораи вазифаҳои давлат, ниҳодҳои давлатӣ – сарвари давлат, талаботи мутафаккир барои довталабони мансабҳои давлатӣ ва ҳуқуқу ухдадориҳои мансабдорон дар муқоиса бо андешаҳои мутафаккирони дигари асримиёнагии мусулмон ва консепсияҳои муосири илмии таърих ва назарияи давлат ва ҳуқуқ шарҳу тавзеҳ дода шудаанд.

5. Дар навгонии банди панҷум бошад бори нахуст таълимоти ин мутафаккири барҷаста оид ба таносуби дин ва давлат дар ҷомеа ва идоракунии сиёсӣ ва як қатор масоили дигари мубрами илмӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд.

6. Дар навгонии банди шашум бошад бори нахуст таълимоти ин мутафаккир оид ба принсипҳои адолат дар давлатдорӣ ва сабабҳои ҳамоҳангии ҷомеа дар ҳокимият ва идоракунӣ ошкор ва таҳлил гардидааст.

7. Дар навгонии банди ҳафтум бошад, бори нахуст таълимоти мутафаккир оид ба сабабҳои пайдоиши ҷомеа, талаботи ҷомеа ба давлат аз таззоду зулм ва манфиатҳои дохиливу хориҷиро, ки зиндагии осоиштаро талаб мекунад, оварда шудааст.

8. Дар навгонии банди ҳаштум, таълимоти Мискавайҳ оид ба вазифаҳои давлат таҳқиқ ва мушаххас карда шудааст. Мискавайҳ тибқи таҳқиқот чунин вазифаҳоро ба давлат нисбат медиҳад: вазифаи таъмини саодат(хушбахт намудан), вазифаи ҳифзи арзишҳои миллӣ ва ҳалли масоили миллӣ, вазифаи таъмину риояи адолат ва ҳифзи ҳуқуқи аҳолӣ, вазифаи ҳифзи низоми давлатӣ аз душманони

дохилию хориҷӣ, ҳифзи марзҳо, таъмини имконоти зиндагӣ ва эҷоди заминаҳои рушду пешрафти ҷомеа.

9. Дар навгонии нуҳуми таҳқиқот, муаллиф таълимоти Мискавайҳ оид ба масоили ҳудуди фаъолияти давлат дар ҷомеа, аввалин маротиба принсипи масъулияти тарафайни давлат ва шахсият, инчунин ҳудуди масъулияти шахсият нисбат ба ҷомеа ва давлатро муайян намудааст. Ба андешаи мутафаккир, бар хилофи қонун давлат шахсро наметавонад ба коре ҷалб намояд, ки хилофи ҳуқуқ бошад ва шахс ҳам наметавонад килеро аз давлат талаб намояд, ки зидди қонун мебошад, яъне ҳудуди фаъолият ва масъулияти давлату шахсиятро бо қонун маҳдуд менамояд.

10. Дар навгонии даҳуми рисола, таълимоти Мискавайҳ оид ба вобастагии давлат аз ҳуқуқ (қонун) ошкор карда шуда, тибқи ин таълимот давлат ҳамеша бояд тибқи қонун амал намояд.

11. Дар навгонии ёздаҳум, таълимоти Мискавайҳ оид ба иштироки фаъолонаи мардум дар идоракунии давлат таҳлил ва баррасӣ мегардад. Ба андешаи муаллиф, мутафаккир иштироки фаъолонаи шаҳрвандонро дар идоракунии давлат бо риояи қонунҳо дар муайян намудани сарнавишти сиёсию ҳуқуқии ҷомеа дар раванди расидан ба ҳадафҳои миллӣ зарур мешуморад.

12. Дар навгонии дувоздаҳуми рисола Мискавайҳ дар таълимоти ҳуқуқии худ яке аз принсипҳои муҳимтарин ва ҷавҳарии демократия – принсипи назорати ҷамъият (халқ) аз болои фаъолияти амалдорон ва хизматчиёни давлатиро пешниҳод кардааст. Ба андешаи мутафаккир барои анҷом додани вазифаҳои шаҳрвандии худ, мардум бояд аз ҳаққи назорати доимӣ аз болои ҳокимият ва мансабдорони он бархурдор бошад.

Кулли нуктаҳои асосии таҳқиқот аввалин маротиба пешниҳод гардида, унсури навгониро доранд ва қобили дастгирӣ мебошанд.

**Асоснокӣ ва саҳеҳияти хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Пешниҳодоту таклифҳои муаллифи рисола илман асоснок карда шудаанд. Ҳамаи навгониҳои диссератсия навоварии илмӣ маҳсуб ёфта, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмӣ қобили дастгирӣ мебошад.

Аҳаммияти илмии диссертатсияи пешниҳодгардида нахуст дар шиносоӣ ва омӯзиши афкори сиёсию ҳуқуқӣ ва адабиёти пурғановати ниёгони мо алалхусус дар вазъияти кунунии ҷомеа, ки аксар қолабҳои фикрӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодию сиёсӣ таҷдиди назар мехоҳанд, бешак масъалаи мубрам аст. Дар баробари ин, муаллиф кӯшидааст, ки андешаҳои мутафаккирро нисбат ба таълимоти сиёсию ҳуқуқӣ, принсипи масъулияти тарафайни давлат ва шахсият, принсипи назорати ҷамъиятӣ аз болои идоракунии давлатӣ, ки то имрӯз аз аҳамияти амиқи илмӣ бархурдор мебошанд, пешниҳод намояд.

Эҳёи суннатҳои давлатдорӣ ва падидаҳои ҳуқуқӣ як ҷанбаи хеле муҳими осори Ибни Мискавайҳ буда, ҷанбаи дигари он таълимоти худи мутафаккир аст, ки ба таври мустақилона ва ё дар пайравӣ ба назарияи дигарон таҳия ва тадвин гардида, назарияи куллиеро ба вуҷуд овардааст, ки дар он падидаҳои башардӯстона ба назар мерасанд, ки барои тарбияи насли ҷавон ва худшиносии миллӣ хизмат хоҳанд кард. Амалан, пешниҳодоти муаллиф, дар хусуси ҳадафи таълимоти Мискавайҳ, ки ба таври куллӣ метавонад дар шароити кунунӣ барои кишвари мо - Тоҷикистони азиз ба ҳайси асл҇ои (принсипҳои) конститутсионӣ хизмати шоиста кунад.

**Сохтори диссертатсия** вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ мантиқан ба бахшҳо ҷудо гардида, аз муқаддима, 2 боб ва 7 зербоб, хулоса ва феҳристи манбаҳои истифодашуда иборат аст.

Дар боби аввал таълимоти ахлоқию ҳуқуқии Мискавайҳ: масоили пайдоиш ва ташаккул, рушди таълимоти сиёсӣ, ахлоқ, вазифаҳои ҳуқуқ ва роҳои татбиқи принсипи адолат инъикос ёфтааст.

Дар боби дуввуми рисола афкори Мискавайҳ оид ба пайдоиши ҷомеа, ҳокимият, давлат ва вазифаҳои он талабот ба сарвари давлат хизматчиёни давлатӣ мутаносибияти дину давлат дар таҷрибаи ҷомеаи муосир баррасӣ гардидааст.

**Таълифоти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашриёҳои илмӣ.** Номгӯи мақолаҳои унвонҷӯ баёнгари натиҷаҳо ва маҳсулнокии муаллиф буда, ба меъёрҳову талаботи мақолаи илмӣ ҷавобгӯ мебошанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти

илмии муаллиф дар 15 мақола нашр шуда, 7 мақолаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, ки натиҷаҳои таҳқикоти диссертатсиониро пурра инъикос менамоянд.

Автореферат мазмуни диссертатсияро пурра инъикос намуда, маълумоти зарурироро дар шакли мухтасар оид ба диссертатсия дода метавонад.

Диссертатсия дар самти ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) таҳия шуда, афкори сиёсию ҳуқуқии Абӯалӣ Муҳаммад ибни Мискавайҳро дар бар мегирад. Мавзӯи мазкур метавонад дар соҳаи интихобкарда муваффақона ҳимоя карда шавад.

**Эродҳо ба матн ва мазмуни диссертатсия.** Новобаста аз таҳқиқоти густурда ва фарогир дар диссертатсияи мазкур бархе аз норасоиҳо ва камбудиҳо ба назар мерасанд.

1. Дар зербоби аввали боби якум қайд карда шудааст, ки мутафаккири барҷаста Мискавайҳ солҳои тулонӣ ба ҳайси ходими давлатӣ дар дарбори сулолаи Буавайҳиён хидмат намудааст, аммо доир ба таърихи давлатдории ин сулола маълумот дода нашудааст.

2. Таълимоти мутафаккир доир ба вазифаҳои ҳуқуқ ва давлат дар зербоби дуюми боби аввал таҳлил карда шудааст, аммо дар ин зербоб ба таври мушахас вазифаҳои дохилӣ ва хориҷии давлат шарҳ дода нашудааст.

3. Муаллиф ҷанбаҳои гуногуни таълимоти мутафаккирро оид ба пайдоиши ҷомеа ва ҳокимият баррасӣ намудааст, аммо ҷонибдори кадом назарияҳои пайдоиши давлат ва ҳуқуқ будани мутафаккиро аниқ муайян накардааст.

4. Дар диссертатсия баъзе камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ ҷой дорад.

**Мувофиқатии диссертатсия аз рӯи шаклу мазмун ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро муаллиф бо истифодаи адабиёт ва фикру мулоҳизаҳои шахсӣ анҷом дода, дар таҳлилу баррасии мавзӯъ саҳми намоён гузоштааст.

Диссертатсияи Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло дар мавзӯи «Афкори сиёсию ҳуқуқии Абӯалӣ Муҳаммад ибни Мискавайҳ» дорои аҳаммияти амалӣ ва назариявӣ дошта, дар таърихи давлат ва ҳуқуқ нахустин таҳқиқоти комил, пурраю баанҷомрасида мебошад. Он фарогири як қатор навгониҳо буда, пешниҳоду хулосаҳои муаллиф метавонад ба ҳалли мушкилоти илмӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат намоянд ва ҳамзамон барои пешгирии зуҳуроти номатлуби замони муосир заминаи илмӣ гарданд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 10-12, 14, 16 «Тартиби додани дараҷаиҳои илмӣ ва унвони илмӣ» (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ бошад.

Умуман, диссертатсия дар мавзӯи «Афкори сиёсию ҳуқуқии Абӯалӣ Муҳаммад ибни Микавайҳ» натиҷаи таҳқиқоти илмии мустақилона ва анҷомёфта маҳсуб ёфта, дар он натиҷаҳои илман наву асоснок ба даст омадааст, инчунин бархе аз мушкилоти илмӣ баррасӣ гардидааст. Бинобар ин муаллифи он – Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

Муқаррризи расмӣ: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи фанҳои давлатӣ - ҳуқуқии
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Элназаров Д.Х.

Имзои Элназаров Д.Х.-ро тасдиқ мекунам.
Шуъбаи кадрҳои ДСРТ Давлатов Х.Х.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
к. М. Турсунзода 30; Тел.: (99 -237) -2-27-46-86, (99-237) 2278648,
e-mail: sabkar@list.ru